# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)

Дар замони истиқлол таҳқиқи масоили муҳимми таърихи ватанӣ ва мушаххас намудани ҷойгоҳи таърихнигорони барҷаста аз вазифаҳои аввалиндараҷаи илми таърих маҳсуб меёбад. Саҳифаҳои таърихи замони истиқлолӣ, ки бо равандҳои мураккаби сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигаргуниҳои куллии сохторӣ дар минтақа алоқамананданд, ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон қарор доранд.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода ба таҳлили таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар замони истиқлол бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки на танҳо ҷойгоҳи таърихнигорон дар илми таърихи ватанӣ муайян карда шавад, балки ақидаи таърихии онҳо муқоиса ва мушаххас карда шавад.

Унвонҷӯ мубрамии мавзуи таҳқиқро ба он асоснок менамояд, ки ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар даврони истиқлол аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври барҷаста таҳқиқ гардидааст, вале онҳо то имрӯз аз нигоҳи таърихнигорӣ ба таври хос мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд ва ба таҳқиқоти онҳо баҳои воқеӣ дода нашудааст.

Ба навиштаи унвонҷӯ зимни таҳқиқи мавзуи мазкур маҷмуи усулҳое истифода шудаанд, ки дар байни онҳо усулҳои таърихӣ, ба мисли таърихият, муқоисавӣ – таърихӣ, масъалагузорӣ – солномавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ мавқеи асосиро ишғол кардаанд. Усулҳои мазкур имкон фароҳам оварданд, ки ақидаи таърихии муаррихон дар қиёс бо асарҳои таърихӣ ва таҳқиқоти таърихнигории дигар давраҳои таърихӣ, аз ҷумла даврони шуравӣ, хусусиятҳо ва усулҳои таҳқиқ, сабки баён ва ғайраҳо нишон дода шавад. Чунин вижагии хос дар навгонии рисолаи диссертатсионӣ низ дида мешавад.

Комёбии назарраси унвонҷӯ дар муайян намудани мавзуи дархӯри замон, ки ба суди ҷомеаи навин аст ва сохтори илмии рисолаи диссертатсионӣ қобили эътибор мебошад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёт иборат буда, ба талаботи муқаррарнамудаи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ» (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493)-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мутобиқат менамояд.

Дар муқаддима талаботи муқаррагардида пурра риоя шудааст. Махсусан, мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок мешавад, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Инъикоси равандиислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар таърихнигории ватанӣ» аз ду зербоб иборат буда, дар он раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар асарҳои таърихӣ, инчунин мақоми созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ дар асарҳои илмӣ таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия «Бозтоби ислоҳоти аграрӣ ва раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар асарҳои илмии таърихӣ» дорои ду зербоб аст ва дар онҳо ислоҳоти аграрӣ ва омӯзиши заминаҳо ва раванди муҳоҷирати аҳолӣ дар асарҳои таърихӣ таҳқиқ гардидаанд. Муаллиф раванди муҳоҷирати меҳнатиро бар асоси таҳқиқоти Р.А. Абулҳаев баррасӣ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Таҳқиқи дастовардҳои илму маориф ва фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории миллӣ» аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур фарогири рушди маориф ва илми ҷумҳурии соҳибистиқлол, дастовардҳои фарҳангии ҷумҳурӣ ва равобити фарҳангии Точикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар таҳқиқоти илмӣ мебошад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар асоси таҳқиқоти муҳаққиқону донишмандони ватанӣ масаоили мазкурро таҳқиқ намояд.

Натиҷаи таҳқиқот хулосагирӣ шуда, муаллифи диссертатсияро водор намудааст, ки бештари муҳақиқону пажӯҳишгарон ба «таҳлилу шарҳи сиёсати давлатӣ дар самти фарҳанг, нақши бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат дар ташаккули сиёсати давлатӣ, инкишофи ҳаёти фарҳангӣ, маориф ва илм, фаъолияти муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, эъмори пойгоҳи зарурии моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд». Аз ин бармеояд, ки хулосаи автореферат эътимоднок буда, мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб (11 мақола, аз ҷумла 6 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА) натиҷаҳои таҳқиқотро ба таври амиқ инъикос мекунанд.

Дар радифи ҳамаи муваффақияту дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоиву техникӣ дида мешавад. Инчунин, иддае аз таҳқиқоти муҳаққиони ватанӣ аз мадди назари муаллиф дур мондаанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016) ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) сазовор мебошад.

**Номзади илмҳои таърих,**
**дотсенти кафедраи таърихи нав**
**ва навини кишварҳои хориҷии ДМТ** **Умаров А.Қ.**

**Имзои А.Қ. Умаровро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**

7.09.2026

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Телефон: (+992)2217711